# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Шукурзода Фарҳодҷон Манон дар мавзуи «Асосҳои маданӣ-ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати ҳуқуқбунёд дар моддаи 19 Конститутсия ба ҳар кас кафолати ҳифзи судиро пешбинӣ намуда, шаҳрвандон метавонанд дар мавриди лозима аз тамоми имконоти пешбинӣ гардида бемаҳдудият истифода баранд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳимояи судии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба сифати ҳимояи афзалиятнок баромад намуда, кафолат дода шудааст. Ҳокимияти судӣ ҷиҳати амалигардии ҳимояи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, баррасӣ ва ҳал намудани баҳсҳои мухталифи ҳуқуқи байни шаҳрвандон, ташкилоту иттиҳодияҳои онҳо ва дигар субъектони муносибатҳои ҷамъиятӣ ба низом даровarda шудааст.

Ҳуқуқ ба ҳимояи судиро низ санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, аз ҷумла Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (1948), Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (1966), ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро 4 апрели соли 1999 расман эътироф намуд, пешбинӣ кардааст. Моддаи 8 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар муайян менамояд, ки: «Ҳар як инсон дар сурати поймол гардидани ҳуқуқҳои асосиаш, ки бо Конститутсия ё қонунҳо пешбинӣ шудаанд, барои барқарорсозии пурраи онҳо аз тарафи судҳои босалоҳияти миллӣ ҳақ дорад». Меъёри номбурда маҳз ҳуқуқи инсон ба ҳимояи судиро эълон намуда, ҳангоми поймол гардидани ҳуқуқҳои дар Конститутсия ва қонунҳо пешбинӣ шуда метавонад истифода шавад. Моддаи 10 Эъломияи мазкур чунин меъёрро пешбинӣ намудааст: «Ҳар як инсон барои муайян намудани ҳуқуқу уҳдадориҳояш ва муқаррар кардани асоснокии айбномаи ҷиноятие, ки ба дӯши ӯ гузошта шудааст, ба таври баробарии комил ҳуқуқ дорад, ки парвандаи ӯро суди мустақилу бетараф, ошкоро ва бо риояи талаботи адолат баррасӣ намояд», ки, дар маҷмуъ, ҳуқуқ ба муҳокимаи суди адолатнок маҳсуб меёбад.

Боиси қайд аст, ки моддаи 10 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.12.2022, №1918 «ҳимояи ҳуқуқҳои мадании вайронгардида ё мавриди баҳс қарордоштаро суд, суди иқтисодӣ, суди ҳакамӣ ё арбитраж тибқи тобеияти идоравии парвандаҳо, ки дар қонунгузории мурофиавӣ муқаррар гардидааст, амалӣ менамоянд».

Доираи судҳои барои ҳимояи ҳуқуқҳои субъективии маданӣ ва Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин судҳои ҳакамиро номбар кардааст, ки он ба низоми судҳои давлатӣ шомил набуда, мақоми махсусро байни мақомҳои ҳимоякунандаи ҳуқуқҳои субъективии маданӣ ишғол менамояд.

Таъмини фаъолияти озоди иқтисодӣ ва рушди муносибатҳои бозорӣ, дар навбати худ, баҳсҳоро миёни шаҳрвандон, ташкилоту созмонҳои онҳо ва сохтору мақомотҳо ба вуҷуд меоварад, ки ҳалли қонунӣ, адолатнок ва сариваҷтии онҳо хеле муҳим мебошад.

Дар ҷаҳони муосир намудҳои гуногуни чунин воситаҳои ғайридавлатии ҳалли баҳсҳо ба таври васеъ истифода бурда мешавад. Илова бар ин, ҳар як субъекти фаъолияти соҳибкорӣ имконият дорад, баҳси пайдошударо дар судҳои давлатӣ баррасӣ намояд, бо ташаббуси худи даъвогару ҷавобгар ҳакамотро ташкил намояд ва ин падида, танҳо ба манфиати кор буда, метавонад чун кафили муносибати минбаъдаи контрагентони тиҷоратӣ баромад намояд. Аз ин рӯ, барои ноил гардидан ба мақсадҳои гузошташуда ҳаракатҳои созанда ва кӯшиши судяҳои суди ҳакамие, ки бинобар созиши тарафҳои баҳскунанда, моҷарои ҳуқуқии онҳоро баррасӣ ва ҳал менамоянд, инчунин, ба сатҳи баланди масъулиятшиносии бевоситаи тарафҳои баҳскунанда алоқамандӣ дорад.

Таъмин намудани дастрасӣ ба адолати судӣ ва иттилоот оид ба фаъолияти судҳо, муҳокимаи ошкоро ва одилонаи судӣ ба таҳкими қонуният, пешгирӣ кардани содиршавии ҷиноят, эҳтиром ба қонун ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мусоидат менамояд.

Мақоми хосаро ишғол намудани судҳои ҳакамӣ бо он тақозо карда мешавад, ки ҳимояи суди ҳакамии ҳуқуқҳои субъективии маданӣ, нисбат ба дигар шаклҳои ҳимояи судӣ ба низоми воситаҳои маданӣ-ҳуқуқии дахлдор (шартномаи маданӣ-ҳуқуқӣ, сохтори шахси ҳуқуқӣ ва дигарон) такя менамояд.

Истифодаи чунин воситаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ барои ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективии маданӣ бино ба табиати хусусӣ доштани вай, таъсири бевоситаро нисбат ба чунин ҳимоя расонида, бо ин васила самаранокиашро дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ вобаста ба сарфаи вақт ва камхарҷии расмиётҳои танзими баҳсҳои маданӣ-ҳуқуқӣ ба таври васеъ истифода бурда мешавад.

Рушди фаъолияти соҳибкорӣ, равандҳои ташаккули қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, таҳкими қонунгузорӣ оид ба ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективии маданӣ шаҳодати онро дорад, ки низоми қонунгузории кишвар дар асосҳои принсипҳои демократӣ пеш

рафта истодааст. Чунин ҳолат бо рушди таҷрибаи татбиқи соҳаҳои ишорашудаи қонунгузорӣ тасдиқ карда мешавад. Инчунин, шумораи судҳои ҳакамии доимоамалкунанда ва афзудани муроҷиати субъектони муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ ба ин гуна судҳо барои ҳимояи ҳуқуқҳои вайроншуда ва ё зери баҳс қароргирифта рӯ ба афзоиш дорад.

Таҷрибаи ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳо мавҷуд будани камбудиҳоро нишон дода, дар ин чорчӯба вобастагии намоён бо воситаҳои маданӣ-ҳуқуқие дида мешавад, ки ба чунин ҳимоя хосияти диспозитивиро мебахшад. Ҳамин тавр, муаммои марзакӣ дар ин самт сӯистифода аз ҳуқуқ ба ҳимояи ҳакамӣ буда, он ҳангоми бастани созишномаи ҳакамӣ аз рӯи шартномаи ҳамроҳшавӣ мушоҳида мегардад, ки бо бастани чунин созишнома мақсади танзими баҳси маданӣ-ҳуқуқӣ пайгирӣ нашуда, танҳо барои кашолкорӣ дар музокираи муноқишаи ҳуқуқӣ, ташкили судҳои ҳакамии доимоамалкунандаи «қалбакӣ» ва ғайра пай бурда мешавад. Ба мавҷудияти муаммоҳои бо ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективии маданӣ, инчунин, таҷрибаи судӣ оид ба овардани шикоят нисбат ба ҳалномаҳои суди ҳакамӣ далолат менамояд.

Ҳалли масъалаҳои ишорашуда, ки дар баробари дигар омилҳо, ба мувозинати муомилоти маданӣ таъсир мерасонад, дар таҳким бахшидани механизмҳои маданӣ-ҳуқуқии таъмини ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективии маданӣ, аз ҷумла институти ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар ин соҳа мушоҳида мегардад. Аз ин лиҳоз, дар доираи илми маданӣ-ҳуқуқӣ бояд таҳқиқи низоми воситаҳои маданӣ-ҳуқуқии таъмини ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективии маданӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии чунин ҳимоя бояд гузаронида шавад. Ҳамаи ин, дар навбати худ, мубрамии масъалаи тадқиқоти диссертатсионии мазкурро асоснок менамояд.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ. ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад. Диссертатсия таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқии анҷомёфта буда, аз ҷониби унвонҷӯй мустақилона таҳия шуда, сатҳи навгонӣ ва дар шароити ҷумҳурӣ татбиқшаванда буданро дорад. Натиҷа ва нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар илми ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, такмили қонунгузорӣ ва раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии самти ҳуқуқшиносӣ ба таври васеъ истифода шаванд, ки он саҳми бевоситаи унвонҷӯйро нишон медиҳад.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқоти мазкур ба Шиносномаи ихтисосҳои 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (Қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2025, №10) мутобиқ аст, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ, мувофиқи Фармоиши Комиссии олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7-уми январи соли 2022, №16/шд, ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 13 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд. Аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 8 мақоларо дар нашрияҳои дигар ба нашр расонида шудааст. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои унвонҷӯй инъикос ёфтаанд. Шумораи маводи нашрнамуда ба талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии Шукурзода Ф.М. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхазҳо мавҷуд набуда, ҳамаи адабиёти истифодагардида бо ишора ба муаллиф ё сарчашма тавассути иқтибос ба расмият дарворада шудаанд, ки аз риоя шудани муқаррароти Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯй маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз ҷониби ӯ нашргардида, мавҷуд нестанд.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Шукурзода Фарҳодҷон Манон дар мавзуи «Асосҳои маданӣ-ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусиро баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Шукурзода Фарҳодҷон Манон дар мавзуи «Асосҳои маданӣ-ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мувофиқат мекунанд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Сангинзода Дониёр Шомаҳмад** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, прфессор, муовини директори Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо оид ба илм ва таълими Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

– **Сидиқов Дилшод Аҳрорвич** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти ҳуқуқи мадании Донишгоҳи байнидавлатии (Славянии) Россия ва Тоҷикистон;

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар – «Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Ғаюрзода Ш.К.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Мирзозода П.З.

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор, узви шурои диссертатсионӣ Имомзода Н.М.

Имзоҳои Ғаюрзода Ш.К., Мирзозода П.З.
ва Имомзода Н.М-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Шодихонзода Э.Ш.
13.04.2026